Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

10 декабри соли 2022
Шанбе
№ 99 (14903)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ДАР БОРАИ ЛОИҲАҲОИ СОҲАИ КОММУНАЛӢ МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

**Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи ҳисобот дар бобати корҳои ҷорӣ дар хусуси такомули хидмати коммуналӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ шинос гардид.**

Дар мамлакатамон қариб 39,7 ҳазор бинои бисёрҳуҷра вуҷуд дорад. Ширкатҳои идоракунанда ва хидматрасонӣ бо мақсади хидматрасонии босифат барои аҳолӣ ташкил карда мешавад. Дар аввали соли ҷорӣ чунин ташкилотҳо 324-то бошад, ҳоло миқдори онҳо ба 766-то расидааст. Ҳамин тариқ, ба беш аз 36 ҳазор ё худ 92 фоизи биноҳои бисёрошёна аз ҷониби ширкатҳои идоракунанда ва хидматрасонӣ хидмат расонда мешавад.

Танҳо соли ҷорӣ онҳо ба миқдори 262 миллиард сӯм ба сохтмон ва таъмир, хариди мошин ва таҷҳизот сармоягузорӣ кардаанд. Дар ширкатҳои нав қариб 14 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда шуд.

Маълумот ва ҳисобу китоб оид ба квартираҳо ба низоми биллинги «Хонаи ман» дохил карда шудааст. Дар давраи гузаштаи соли ҷорӣ аз тариқи низоми мазкур ба миқдори 206 миллиард сӯм пардохт ба амал оварда шудааст.

Яке аз вазифаҳои муҳим дар соҳа бо гармӣ таъмин намудани манзилҳо ба шумор меравад. Бинобар ин дар минтақаҳо лоиҳаҳои адреснок татбиқ карда мешаванд.

Беш аз нимаи биноҳои бисёрҳуҷра низоми мутамарказ ва инфиродии таъмини гармиро моликанд. Боқимонда бо бухорӣ, василаҳои электрикӣ ё худ дигар таҷҳизот гарм карда мешаванд.

Дар ихтиёри Вазорати хидматрасонии иқомативу коммуналӣ 495 дегхона мавҷуд аст. Солҳои 2018-2021 47 дегхона ва 78 километр шабакаи гармидиҳӣ таъмир карда шуд. Имсол боз 24 дегхона ва 182 километр шабака дар чунин шаҳрҳо мисли Бухоро, Самарқанд, Қаршӣ, Ҷиззах, Намангон, Асака нав карда шуданд. Дар натиҷа бо энергияи гармӣ 70 ҳазор хонавода ва 113 объекти иҷтимоӣ таъмин гардиданд.

Умуман дар натиҷаи чунин лоиҳаҳо дараҷаи таъминоти биноҳои бисёрошёна бо гармӣ афзуд. Сарфаи солонаи захираи энергия 130 миллион метр мукааби гази табиӣ ва 1,2 миллион киловатт-соат энергияро ташкил менамояд.

Ба сифати муттасил идома додани ин кор дар доираи барномаи сармоягузорӣ дар соли 2023 сохтмони 3 дегхона, таъмири 10 дегхона ва идома додани шабакаҳои нави гармидиҳӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар бобати мутамарказонии таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ корҳои васеъ ба амал меоянд. Имсол 527 объект сохта ва қариб 7 ҳазор километр қубури об хобонда шуд. Дар аввали сол дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ 70 фоизро ташкил намуд ва то охири сол то 74 фоиз расондани ин нишондод ба нақша гирифта шудааст.

Дар қисмати маҳалҳои аҳолинишин аз 9309 маҳалла 3800-тоаш бо оби таъминоти мутамарказ пурра фаро гирифта шуда, қариб 4 ҳазораш қисман фаро гирифта шудааст. Дар бобати расонда додани об ба деҳоти дурдаст ва хобондани шабака чорабиниҳо андешида мешавад. Аз он ҷумла, соли 2023 ба истифода андохтани 62 объект дар доираи Барномаи сармоягузорӣ ва 373 объект дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» ба нақша гирифта шудааст.

Дар натиҷа сифати оби ошомидании беш аз 3 миллион нафар аҳолӣ дар 403 маҳалла беҳтар гардида, 181 маҳалла ба шабакаҳои об бори аввал васл мегарданд.

Инчунин аз тариқи фармоиши иҷтимоии давлат лоиҳаҳои таъмини маҳаллаҳо бо оби ошомиданӣ, ки аз марказҳои ноҳияҳо дур ҷойгиранд, ба амал татбиқ мегарданд. Соли оянда ба 17 чунин деҳа гузарондани 251 километр қубури об дар назар дошта шудааст.

Роҳбари давлат аҳамияти ин корҳоро барои сифати ҳаёт ва саломатии аҳолӣ таъкид карда, вазифаҳои иловагӣ супурд.

**ЎзА.**

**Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Fazman Textile» дар ҳамкорӣ бо ширкати дар ҷаҳон машҳури олмонии Hugo Boss дар ноҳияи Давлатободи шаҳри Намангон навбати аввали корхонаи истеҳсоли маҳсулоти бофандагиеро, ки ба меъёрҳои аврупоӣ ҷавобгӯ мебошад, ба истифода супурд.**



# ДАР НАМАНГОН БО ҲАМКОРИИ ОЛМОН КОРХОНАИ БУЗУРГ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

Дар чорабинии мутантане, ки вобаста ба он баргузор шуд, меҳнат ва комёбиҳои назарраси соҳибкорон, ки аз муҳити тиҷоратии дар кишвари мо бамиёномада самарабахш истифода мебаранд, таъкид гардид. Ба намояндагони ширкатҳои «Карл Гросс»-и Олмон, «Демарк» ва «Роялсприд»-и Федератсияи Русия, ки дар вилояти Намангон сармояҳои зиёд мегузоранд, миннатдорӣ изҳор шуд.

Солҳои охир ба ҷалби бевоситаи сармояҳои хориҷӣ ва рушди муносибатҳои кооператсионӣ бо тоҷирони кишварҳои хориҷӣ ба истеҳсоли маҳсулоти мувофиқи талаботи ҷаҳонӣ эътибори махсус дода мешавад.



Дар натиҷаи фароҳам овардани муҳити мусоиди тиҷоратӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ҳоли ҳозир дар минтақа маҳсулоти тайёри бофандагӣ дар ҳамкорӣ бо як қатор ширкатҳо, аз ҷумла LCWaikiki (Туркия), Baldessarini (Олмон) ва Zara (Испания) истеҳсол карда мешаванд. Аз ҷумла, аз ҳисоби пурра татбиқ сохтани лоиҳаи арзишаш 40 миллион долларинаи ИМА аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Fazman Textile» дар ҳамкорӣ бо ширкати дар ҷаҳон машҳури Hugo Boss 3 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил хоҳанд шуд. Дар давраи ибтидоии лоиҳа 20 миллион доллар харҷ шуд, тақрибан ҳазор ҷойи корӣ ба миён омад. Шоистаи таъкид аст, ки барои кори самарабахш ва муттасили корхонаи бузурги нав таҷҳизоти замонавӣ аз Олмон ва Туркия овардаву устувор карда шуданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Дар Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим»-и Самарқанд форуми глобалӣ дар мавзӯи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» баргузор шуд.***

# НАҚШАИ ҲАРАКАТҲОИ ФОРУМИ ГЛОБАЛӢ

Тадбир бо ташаббуси Маркази миллии ҳуқуқи инсон дар ҳамдастӣ бо Садорати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Бюрои минтақавии Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ, Садорати комиссари олии СММ доир ба корҳои фирориён, ЮНИСЕФ, Бюрои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (САҲА) доир ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, идораи ҳамоҳангсози лоиҳаҳои САҲА дар Ӯзбекистон, Шӯрои Аврупо ва Фонди Фридрих Эберт ташкил гардид.

Дар форум аз давлатҳои гуногуни дунё мутахассисони соҳаи таълими ҳуқуқи инсон, органҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, муассисаҳои ихтисосонидашудаи таълимӣ, ташкилотҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ, инчунин вакилони институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, зиёда аз 120 нафар меҳмонони хориҷӣ иштирок намуданд.

Директори Маркази миллӣ доир ба ҳуқуқи инсон Акмал Саидов таклиф кард, ки форум таҳти шиори «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон: аз декларатсия то амалиёт» гузаронида шавад ва ин ташаббусро иштирокчиён дастгирӣ карданд.

Дар маросими кушодашавии форум видеомуроҷиати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Фолкер Тюрк, паёми табрикии иҷрокунандаи вазифаи Координатори доимии СММ дар Ӯзбекистон Мунир Мамедзода, инчунин, видеомуроҷиати раиси Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон, сафир Федерико Вилегас, табрики директори Бюрои САҲА доир ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқии инсон Маттео Мекаччи, видеомуроҷиати директори генералии Садорати ҳуқуқи инсон ва устувории қонун Гиякумопулос Христос шунида шуданд. Нутқи раиси Кумитаи иҷроияи ИДМ – котиби иҷрогар Сергей Лебедевро муовини раиси Кумитаи иҷроияи ИДМ – котиби иҷроия Бекетжан Ҷумаханов хонд.

– Таълим дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар Ӯзбекистон яке аз самтҳои устувори сиёсати давлатӣ оид ба ташаккули маданияти ҳуқуқи инсон ба шумор меравад, – гуфт Акмал Саидов. – Аз ҷониби Олий Маҷлис дар соли 2019 қабул гардидани Барномаи ҳаракатҳои миллӣ оид ба татбиқи қоидаҳои декларатсияи СММ дар бораи таълим ва тарбия дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва аз рӯи иҷрои Дастури ҳаракатҳои миллӣ то моҳи декабри соли 2021 пурра иҷро гаштани вазифаҳои «Харитаи роҳ» инро баръало тасдиқ менамоянд.

Дар доираи форум дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд дарсҳои маҳорати «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» ташкил гардид.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Фикри депутат*

# ИФОДАИ АМАЛИИ ИНСОНПАРВАРИИ ХОСИ ХАЛҚИ МО

***Таъмин сохтани манфиатҳои инсон, розӣ кардани одамон, ҳифз намудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон солҳои охир ба яке аз самтҳои устувори сиёсати давлат табдил ёфтааст.***

Ӯзбекистон дар зинаи таърихии имрӯзаи хеш туфайли қадрияти олитарини давлат донистани ҳаёт ва тақдири ҳар як шаҳрванд ба пояи нави тараққиёти худ қадам гузошт. Самараи ислоҳоти шадиде, ки шаш сол муқаддам оғоз ёфта буданд, алҳол дар тарзи ҳаёти халқ, дигаргуниҳои тафаккур ва зиндагии ӯ инъикос меёбанд.

Зеро дар мамлакати мо корҳои васеъмиқёсе, ки дар кулли соҳаҳо амалӣ мешаванд, барои бахту саодати мардуму аз тарзи фаровони зиндагӣ ва ҳаёти кунунӣ розӣ гардидани халқ татбиқ мегарданд. Идораи авф, ки ба мақсади таъмин сохтани ҳуқуқҳои инсон ҷорӣ гардид, ҳаёти ҳазорҳо нафар одамонро мунаввар сохт, ба хонаводаи зиёд шодӣ, хурсандиву умед ворид кард.

Дар доираи мақсадҳои неке, ки мувофиқи Стратегияи тараққиёти Ӯзбекистони Нав амалӣ мешаванд, барои беш аз пеш самарабахш таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиат, қадру қимати инсон дар мамлакат ислоҳоти васеъмиқёсе татбиқ мешаванд, ки давлати моро дар олам ба сифати кишвари соҳибмеҳру пурсаховат падидор месозанд.

Бояд гуфт ин корҳои хайр, ки бо ташаббуси Президент татбиқ мегарданд, аз тарафи халқи мо, ҳамчунин аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон дастгирӣ мешаванд.

Фармони роҳбари давлат «Дар бораи авфи гурӯҳи шахсоне, ки муддати ҷазоро гузашта, аз кирдори худ пушаймон ва қатъиян ислоҳ шудаанд» намунаи равшани инсонпарварии кишвар ва дар ин роҳ мунтазам ба роҳ монда шудани ислоҳоти демократӣ, иҷтимоиву сиёсӣ гардид.

Мувофиқи ҳуҷҷат ва бинобар боби 23-юми моддаи 93-юми Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон 402 нафар шахсе, ки дар муассисаҳои ҷазо ва мақомоти пробатсия барои содир кардани ҷиноят ҳабс буданду аз кирдори худ сидқидилона пушаймон ва ба роҳи ислоҳ даромадаанд, авф карда шуданд.

Маҳз дар арафаи 30-юмин солгарди қабул шудани Қонуни асосӣ содир гардидани ин амали хайр низ маънои амиқ дорад. Он далели равшани ба ҳаёт татбиқ гардидани ваколатҳои конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бинобар омурзиш аст.

Ҳамчунин фармони мазкур дар навбати худ намунаи амалии дар кишвари мо ба роҳ монда шудани сиёсати инсонпарварона, кушодадилии хоси мардуми мо, фазилатҳои неки раҳму шафқат, некукорӣ ва меҳру мурувват ба шумор меравад. Зеро ин фармони роҳбари давлат ба бисёр дилҳо шодиву хурсандӣ, ба оилаҳои зиёд ҳаловату нуру сафо бахшид.

Таваҷҷӯҳ намоед, мувофиқи ин фармон чорсаду ду нафар шахс авф шуданд. Бешубҳа, ин рақам кам нест. Зеро ҳар кадоми онҳоро аъзои оила ва фарзандон, арӯсони дилшикаста, пайвандони қарин, аҳли маҳалла бо чашми чор интизоранд. Ҳар боре, ки аз ин хусус андеша кунем, ба моҳияти фармони мазкур бештару беҳтар мерасем.

Дар ин ҷараён барои ба ҳаёти иҷтимоӣ мувофиқ шудан, бо меҳнати фоиданок машғул гардидан, тарзи солими ҳаётро ба роҳ монда, дар ҷамъият мавқеи муносиби худро пайдо кардани авфшудагон ба онҳо аз наздик кӯмак расонидан, имкониятҳои заруриро фароҳам овардан хеле муҳим аст, зеро корҳои мазкур барои хулосаи дуруст баровардан ва ба тараққиёти кишвар саҳми худро гузоштану ба оила ва мамлакат фоида расондани онҳо омили асосӣ мегарданд.

Озодӣ бахти бузург аст. Мо на ҳамеша ба қадри он мерасем. Иҷрои саривақтӣ ва самарабахши фармони мазкур дар ҳаёти шахсони авфшуда ва аъзои оилаи онҳо мавқеи муҳим дорад. Аз ҳама асосиаш он барои дар ҷамъият мустаҳкам шудани омилҳои инсонпарварӣ, таъмин гардидани пойдорӣ замина фароҳам меоварад. Зеро дар ин Ватани муқаддас инсон азиз аст!

**Қаҳрамон ЭРГАШЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# КАФОЛАТИ ПЕШРАФТ, СУЛҲУ САЛОҲ, ҲАМДИЛӢ, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДӢ

***Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамоҳангӣ бо анъанаҳои бисёрасринаи халқи мо офарида шудааст ва асоси мустаҳками ҳаёти фаровон, тафаккури сиёсиву ҳуқуқии халқи мо, болоравии обрӯйи мамлакатамон дар арсаи байналхалқӣ ба шумор меравад.***

Бобати ба ҳуҷҷати халқӣ табдил додани Қонуни асосии мо, ки ба раванди «Инсон – ҷомеа – давлат» такя мекунад, мунтазам кор бурда мешавад. Зеро ин ҳадафи аввалияи ислоҳотест, ки дар Ӯзбекистони Нав татбиқ мегардад.

Тавре ки маълум аст, чанд моҳ муқаддам мувофиқи қарори муштараки палатаҳои Олий Маҷлис барои коркарди таклифҳо ва амалӣ намудани чорабиниҳои ташкилӣ бинобар ба Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид кардани тағйирот ва иловаҳо Комиссияи конститутсионӣ таъсис дода шуда буд.

Вобаста ба ин ва бо мақсади ба роҳ мондани низоми ҷамъоварӣ ва умумикунонии таклифҳои шаҳрвандон ва намояндагони ҷомеа, ҳамчунин пешниҳоди онҳо ба Комиссияи конститутсионӣ лоиҳаи Қонун «Дар бораи дохил кардани тағйирот ва иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон» коркард шуда буд. Тамоми имкониятҳо барои ҷонибдории таклифҳо, аз ҷумла аз тариқи онлайн-платформаи «Менинг Конститутсиям» («Сарқонуни ман»), кол-марказ, почта, аз ҷумла почтаи электронӣ, ҳамчунин телеграм-боти махсус фароҳам оварда шуданд.

Комиссияи конститутсионӣ фаъолияти худро дар се давра татбиқ менамояд. Дар давраи аввал таклифҳо бобати ворид кардани тағйирот ба Сарқонун қабул ва таҳлил карда шуданд. Дар муҳлати кӯтоҳ аз шаҳрвандон бештар аз 60 ҳазор таклиф расид. Дар давраи дуюм лоиҳаи Сарқонун аз ҷониби парлумон коркард ва аз нав таҷдиди назар гардида, ба муҳокимаи ҷомеа гузошта шуд. То 1 август пас аз ба муҳокима гузошта шудани лоиҳаи Қонуни коститутсионӣ аз ҷомеа беш аз 150 ҳазор таклиф расид.

Дар давраи ниҳоӣ бобати қабули лоиҳаи қонун, ки дар натиҷаи муҳокимаи ҷамъиятӣ маъқул дониста шудааст, аз тариқи баргузор кардани раъйпурсӣ бинобар пешниҳоди Президент қарор қабул карда мешавад.

Бояд махсус таъкид кард, ки роҳбари давлати мо ба таҳлили ин ҷараён, саривақт муайян кардан ва аз байн бардоштани камбудиҳои мавҷуда эътибор дод. Аз ҷумла, Президент 20 июни соли равон бо аъзои Комиссияи конститутсионӣ ҷамъомад баргузор намуд ва қайд кард, ки ислоҳоти мазкур ба боло бардоштани шаъну шарафи инсон хидмат мекунанд. Ғайр аз ин, дар маросими тантанавии бахшида ба 31-умин солгарди истиқлолият низ масъалаи такмил додани Қонуни асосии мо баррасӣ гардид.

Баробари ин лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон» коркард шуд. Ин лоиҳаи қонун аз 25 июни соли равон ба муҳокимаи ҷомеа пешниҳод гардид.

Боиси зикр аст, ки ин ҷараёнҳо дар байни халқи мо рағбати зиёд пайдо кард. Бояд таъкид кард, ки дар пояи таклиф ва хоҳишҳое, ки аз шаҳрвандон расиданд, муҳлати муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаи Қонуни асосӣ ду бор дароз карда шуд. Дар натиҷа лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ, ки ба 76 моддаи он бо оғоз аз дебочаи Сарқонуни мо тағйирот ворид мекунад, ташаккул ёфт, ҳамчунин 15 моддаи нав ва 1 боби нав ворид карда шуданд.

Дар хотима месазад зикр сохт, ки Қонуни асосӣ ин симои миллат, тимсоли озодии халқ ба шумор меравад, бинобар ин дар роҳи такмил додани он набояд саросема шуд. Тавре ки Президенти мо изҳор дошт, Сарқонуни нав бояд асоси мустаҳками ҳуқуқӣ ва кафолати муътамади стратегияи дарозмуҳлати рушди мамлакати мо, пешрафти ояндаи он ва ҳаёти фаровони фардоинаи халқи моро таҷассум намояд.

**Эркинҷон МАҲМУДОВ,**
**роҳбари раёсати адлияи шаҳри Қӯқанд.**
**(ЎзА).**

*Раҳовард*

# САМАРИ ЯК САФАР

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ҷое фармудаанд:

*Сафар ба Каъба накардам, ки роҳ*
*бехатар аст.*

Ба андешаи растагорони мушкилписанде чун Иқбол сафар ба Хонаи Худо бояд сангин ва роҳ бояд пурхатар бошад. Шояд ин андеша шакли дигари нишон додани қудрату талош дар раҳгузори мақсадхост.

Сафари мо осон буд ва роҳи мо низ дар Каъба – Каъбаи дили дӯстон хулоса шуд. Шумори Каъба ба теъдоди дӯстони ҳамдили мо буд, ҳар яки онҳо як Каъба буданд. Пешорӯи мо чашмҳое лабрез аз эҳсоси саодату ризоият медурахшиданд. Чамане варақварақ мешукуфт ва тактаки нигоҳҳо руҷуи ғайриинтизоре ба ҷониби кӯдакиям буд. Он замон падарам гоҳ-гоҳ, дар рӯзҳои таътил моро ба шаҳри зебои Тошканд мебурданд.

Он вақт дар кӯчаҳои пурчангу ғубори деҳаи мо – дар қисмати шимоли Тоҷикистон аробаи Мукаррамхола мегашт. Ҳар рӯзи якшанбе марди мӯсафеде бо кулоҳи қарокулимонанди баланду аҷиб қанд меовард, ба шеваи ӯ “болалари қанд” буд исми он. Марди дерсол бо бобоям дӯст буд ва Мукаррамхола бо модаркалонам. Як сухани Мукаррамхоларо модаркалонам дар назди занон гуфта буданду дар ҳошияи хотираҳоям нақш баст. Аз рӯи нақли Мукаррамхола дӯстони ҳамдили мо дар тааҷҷуб мондаанд, ки ҳама тоҷикони наздики сарҳад фасли баҳор тамоми кӯчати помидору қаламфурро мехаранд аз мо, вале тирамоҳ, чун худи помидору қаламфурро барои фурӯш мебарем, донае боқӣ намемонад, ҳамаи онро ҳам мехаранд. Модаркалонам мегуфтанд, ки ин амал аз эҳтироми халқи тоҷик ба дӯстони ӯзбек аст.

Дар кишвари Молдова 11 сол қабл бо шоири тавоно, сардабири маҷаллаи “Молдова” Борис Мариан, дар Ҳамоиши бонуфузи зиёиён мулоқот доштем. Эшон аз зиндагӣ ва фаъолияти муваққатии худ дар шаҳри Тошканд бо таассуроти ҷолиб ва эҳсоси ризоият нақл карданд. Чун огоҳ шуданд, ки ин ҷониб аз Тоҷикистонам, яъне дар ҳамсоягии кишвари Ӯзбекистон зиндагӣ мекунам, хоҳиш карданд, ки аз Тошканди муосир, Тошканди замони Истиқлоли Ӯзбекистон ба эшон иттилоъ диҳам. Бо таассуфи зиёд гуфтам, ки ба Тошканд рафтан андак мушкилӣ дорад, аммо ҳар замон ки рафтам, ҳатман ба Шумо тамос гирифта, таассуроти хешро интиқол мекунам.

Мо ба осонӣ дарк кардем, ки бо шарофати сиёсати башардӯстонаи сарони кишварҳои мо – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев имрӯз тамоми дарҳои муносибат ба рӯи ин ду кишвари мутамаддин барои ҳамеша боз гардидаанд. Ба он ҳадд, ки ин кишвари офтобӣ бароям на хориҷа, балки давоми Тоҷикистон маҳсуб мешуд. Сарҳад байни ин ду кишвари ҳамдилу ҳамтабор фақат муқаррароти дунявист.

Дар Хонаи кулолгарии Риштон, кулолгари дерсоле бо ифтихор аз он сарзамини пурасрор гуфт: Мо, мардуми Риштонзамин ду неъмати ширин дорем, яке хоки мулоими барои кулолӣ мувофиқ ва дигаре зардолуи бисёр нодири қандак. Ҳамин вақт, устод Саидумрон Саидов гуфт, ки боз як неъмате доред ширинтар аз он ду неъмат ва он забони тоҷикист. Ҳамин гуфтори зебои тоҷиконаатон ба мо ифтихору саодат мебахшад.

Маълум гардид, ки Хонаи кулолгарӣ яке аз корхонаҳои сатҳи ҷаҳонӣ асту маҳсули меҳнату ҳунари бо санъати баланд офаридаи кулолгарон ба чандин кишвари мутараққии ҷаҳон содир мешудаанд.

Қадамгоҳе буд дар Риштон, бо унвони Ҳазрати Рушноӣ. Тааҷҷубовар буд бароям, ки ин номи муборак ҳам тоҷикист ва ҳам баргирифта аз нахустин унсури ҳаёти инсонӣ. Мардум барои оромиши руҳии худ ҳар замон ба ин хонаи пок омадаву дуову фотеҳа мебахшидаанд. Соҳиби ин номи зебо шахсияти воқеии марбут ба асри IX буда, бо назардошти нақли ривояту қиссаҳо ва бовари мардум, ин зиёратгоҳи ягонаи Ҳазрати Рушноӣ набудааст. Дар водии Зарафшони сарзамини мо низ чунин зиёратгоҳ бо ҳамин унвон вуҷуд дорад.

Осорхонаи фарҳангии вилояти Фарғона низ хеле ҷолибу диданӣ буд. Аз рӯи муқаррароти тамоми осорхонаҳои дунё дар он низ ёдгориҳои арзишманд, ҳуҷҷатҳои таърихии барои миллати ӯзбек нақши тақдирсоз дошта, тоблуҳои шахсиятҳои таърихӣ (аз ҷумла тасвири муҳташами Темурмалик ҳангоми difoъ) , намунаи ҳунарҳои қадимаи ин халқи созандаву заҳматкаш ва нусхаҳои қадимитарини китобҳои гаронмояе чун нусхаи хаттии Девони Бедили Деҳлавӣ нигоҳ дошта шудаанд.

Маҳфилҳо бо ходимони сиёсиву фарҳангӣ, ҳунармандон ва шоирони шинохтаи водии Фарғонаву аҳли адаби вилояти Суғд ва сипас, пазироиву баргузории маҳфили илмиву адабии «Ганҷи сухан» дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона бисёр зебову хотирмон буд.

Салмони Соваҷӣ фармуда

*Эзид ҳавои хоки дари*
*дӯст пеш аз он,*
*Дар ҷони мо ниҳод, ки*
*бар хок ҷон ниҳод.*

Куллияи мафҳуми муқаддаси дӯстӣ ва моҳияти он дар ин байти шоир маърифат шуда. Ба андешаи он ҷонибу ин ҷониб Парвардигор дар оғози офариниш дӯстиро муқаддамтару фаротар аз тамоми арзишҳои дигар пиндоштаву нахуст ба хок ҳавои дӯстӣ ва баъд ҷонро бахшидааст. Бармеояд, ки омили аввал ва шарти нахустини зиндагӣ дӯстист.

Ба дӯстон гуфтем, ки одатан вақте ба сайёҳон кишваре мақбул мешавад, баъди гузашти муддате ба ҳамон кишвар орзуи дубора сафар кардан мекунанд, аммо ин ҷониб аз ин кишвар берун нашуда, яъне дар Фарғона пазмони Фарғона шудам.

Умедворем, ки дари дилҳову дидаҳои мо ҳамеша ба рӯи ҳамдигар боз ва ин ҳамдиливу ҳамсадоиву ҳамгароӣ то ҳамеша поянда бошад:

*Ҷони ҳама сулҳ*
*мепазирад,*
*Бигзор, ки зиндагӣ*
*намирад.*

**Гулноз ТОҲИРИЁН,**
**шоира, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.**

# АКАДЕМИК АБДУМАВЛОН АБДУЛЛОЕВИЧ АБДУЛЛОЕВ



Илми Ӯзбекистон талафоти гарон дод.

8 декабри соли 2022 дар 92-юмин соли умр олими намоёни Ӯзбекистон дар соҳаи генетика, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдумавлон Абдуллоевич Абдуллоев вафот кард.

А.Абдуллоев 13 июли соли 1930 дар вилояти Намангон таваллуд шуд. Соли 1952 Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёнаро хатм намуда, фаъолияти меҳнатии худро дар истгоҳи таҷрибавии Осиёимиёнагии Донишкадаи илмию тадқиқотии рустанишиносӣ дар вазифаи ходими хурди илмӣ оғоз кард. Соли 1961 рисолаи номзадӣ ва соли 1973 рисолаи доктириро ҳимоя намуд. Соли 1995 узви ҳақиқии Академияи илми Ӯзбекистон интихоб шуд.

Дар тӯли қариб 70 соли фаъолияти илмӣ олими боистеъдод дар низоми Академияи улум фидокорона кор кард. Ӯ ходими хурд, ходими калони илмӣ, мудири лаборатория, директори Пажӯҳишгоҳи генетика ва биологияи таҷрибавии рустаниҳо, раиси шуъбаи илмҳои кишоварзии Президиуми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон то рӯзҳои охирини умр дар мансаби ходими калони илмӣ кор карда, ба пешрафти илм саҳми назаррас гузошт.

Бо фаъолияти илмии худ А.Абдуллоев дар рушди асосҳои фундаменталии генетикаи пахта ҳиссаи бузург ҳамроҳ кард. Дар пояи мактаби илмии созмондодаи олим як қатор навъҳои нави пахта кашф гардиданд, имконияти истифодаи навъҳои ёбоии пахта дар селексияи генетикӣ ба сифати донорҳои фоиданок андешида шуд. А.Абдуллоев яке аз офарандагони асосҳои фундаменталии рушди илми пахтапарварӣ ва аз ҷумлаи асосгузорони коллексияи генҳои пахта — ин сарвати миллии мо буд.

А.Абдуллоев муаллифи зиёда аз 600 асари илмӣ, аз ҷумла беш аз 10 рисола мебошад. Зиёда аз 300 мақолаи илмии олим дар маҷаллаҳои бонуфузи байналхалқӣ чоп шудаанд.

Таҳти роҳбарии бевоситаи олими ғамхор, ки асрори илмро ба ҷавонони зиёд омӯхтааст, тақрибан 40 номзад ва беш аз 20 доктори илм ба воя расиданд.

Хидматҳои академик А.Абдуллоев дар пешрафти илми мамлакат сазоворона эътироф шудаанд. Вай барандаи унвони ифтихории «Арбоби шоистаи илми Ӯзбекистон» (1980) буд, олим бо ордени «Меҳнат шуҳрати» (2003), Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (2011) мукофотонида шудааст.

Хотираи олими шинохта, мураббии ғамхор, инсони хоксор Абдумавлон Абдуллоев дар дилҳои мо боқӣ хоҳад монд.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, Б. ЮЛДОШЕВ.**

# ДАР НАМАНГОН БО ҲАМКОРИИ ОЛМОН КОРХОНАИ БУЗУРГ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Иқтидори истеҳсолии корхонаи мо соле истихроҷи 1 миллион адад маҳсулоти тайёрро ташкил мекунад, ҳаҷми солонаи содирот то ба 15 миллион доллар мерасад, – мегӯяд муассиси корхона Неъматҷон Фатҳиддинов. – Истеҳсоли костюмҳо, шимҳо, сару либосҳои мардона, занона ва кӯдаконаро ба нақша гирифтаем. Пештар корхонаи бузурге, ки он ҷо дар як замон 500 ё худ 1000 нафар кор кунанд, мавҷуд набуд. Инак, чунин корхона ба истифода супурда шуд.



**Аксбардор: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).**

Дар натиҷаи ҷалби сармояҳои хориҷӣ миқдори корхонаҳое, ки дар онҳо ҳамзамон беш аз 1000 нафар кор кунанд, аз 20 адад зиёд гардид. Ин ба иқтисодиёти вилояти Намангон, ки дар соҳаи бофандагии ҷумҳурӣ пешқадам маҳсуб меёбад, таъсири мусбат мегузорад.

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Намангон Шавкат Абдураззоқов иштирок кард.

**О. ДАДАБОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

# «17 ЧЕҲРАИ АМАЛ» – ЗАНОНЕ, КИ ИН ҶАҲОНРО БА МАКОНИ БЕҲТАРИН ТАБДИЛ МЕДИҲАНД

***Таҳти ин ном дар Осорхонаи давлатии таърихи Ӯзбекистон дар ҳошияи баргузории конфронси байналмилалӣ оид ба гендер ва рад кардани зӯроварӣ намоишгоҳи аксҳои “17 чеҳраи амал” ташкил шуд. Муаллифи ғоя мудири бахши коммуникатсия ва сиёсати иттилоотии Администратсияи Президент Саида Мирзиёева мебошад.***

Ин намоишгоҳ таҳти муассисии Фонди дастгирӣ ва рушди ВАО-и миллӣ баргузор гардид.

Ташаббускорони намоишгоҳ директори генералии бахши женевагии Дафтари СММ Татяна Валовая – аввалин зан дар таърих, ки ин вазифаро ишғол кардааст ва Иттиҳодияи кумаки мутақобилаи занони Швейтсария (ASWE) мебошанд. Мазмун ва мундариҷаи намоишгоҳ аз ҳаёти занони муосир нақл мекард, ки чӣ гуна дар шароити баробар бо мардон як ҷомеаи нав, одилонатар ва шукуфонро барпо мекунанд ва дар ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) саҳм мегузоранд.

ҲРУ маҷмӯи 17 ҳадафи ба ҳам алоқаманди глобалӣ мебошад, ки соли 2015 аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ ҳамчун «нақшаи ояндаи беҳтар ва устувортар” барои ҳама таҳия шудааст. Ин ҳадафҳо дар қарори Ассамблеяи Генералии СММ «Рӯзномаи давраи то соли 2030» номбар шудаанд.

Татьяна Валовая дар бораи пайдоиши ғояи лоиҳа чунин гуфт:

— Мо андеша доштем, ки бо кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид лоиҳае таҳия кунем: дар ҳар як кишвар 17 чеҳраи занеро интихоб намоем, ки 17 ҳадафи ҲРУ-ро ифода мекунанд ва онҳоро ба намоиш гузорем.

17 ҳадафи рушди устувор дар бораи ҳама чизест, ки моро нигарон мекунад: мубориза бо камбизоатӣ, таҳсил ва кори шоиста, ҳифзи муҳити зист ва об, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ва зиндагии осоишта ва ғайра. Барои расидан ба ҳамаи он 17 мақсад мавҷуд аст, ки тавассути ҳамкорӣ ё шарикӣ амалӣ мегардад. Ҳадафҳои рушди устувор як навъ даъват ба амал мебошанд, ки дар он метавонанд аз тамоми кишварҳои узви созмон ширкат кунанд.

Гуфта мешавад, ки аввалин чунин намоишгоҳи аксҳо дар Озарбойҷон баргузор шудааст. Ӯзбекистон дар дунё кишвари дувуме маҳсуб меёбад, ки ба татбиқи ин лоиҳа табдил ёфтааст.

Ашёи намоишӣ дар ду блок намоиш дода шуд. Муҳтавои он ба занони Ӯзбекистон бахшида шуд, ки қисми зиёди онҳо ҳаёт ва қувваи худро барои манфиати умум бахшидаанд, то ки ояндаи мо беҳтар ва одилонатар гардад. Онҳо ҳаргиз аз шикастани қолабҳо ва ба ҷаҳониён расонидани паёми худ наметарсанд: иқтидори занҳо номаҳдуд аст, онҳо метавонанд дар ҳама соҳа на танҳо ба натиҷаҳои баланд ноил гарданд, балки дили одамонро аланга занонида, онҳоро роҳнамоӣ кунанд. Дар байни қаҳрамонон олимони соҳаи тиб, кишоварзӣ, экология, рушди институтсионалӣ, ҳомии ҳуқуқи занон, иқтисоддон, варзишгар, технологи технологияи иттилоотӣ ва дигар ҳамватанони барҷаста шомиланд.

Тавассути ин намоишгоҳ ин занон сафири 17 Ҳадафи рушди устувори СММ мешаванд.

Қисми дуюми намоишгоҳи «Қасри Миллатҳо: «Вақти мулоҳиза» унвон гирифта, аз ҷониби СММ муаррифӣ шудааст. Суратҳо дар услуби классикии сиёҳ ва сафед дар бораи давраи душвортарини пандемияи КОВИД, вақте ки муҳосираи умумӣ эълон карда шуд, нақл мекунанд. Қасри Миллатҳо дар назари тамошобин чунон вонамуд мегардад, ки сокинонаш онро тарк кардаанд.

Ин корҳо лоиҳаи байналмилалии «17 чеҳраи амал»-ро дар тамоми кишварҳои татбиқи он ҳамчун рамзи умед, устуворӣ ва тафаккур, ки пас аз ҳар як рахи сиёҳ рахи сафед меояд, ҳамроҳӣ хоҳанд кард. Пас аз анҷоми лоиҳа онҳо ба Женева бармегарданд ва дар Қасри Миллатҳо дар доираи намоишгоҳи ниҳоии аксҳои калон, ки дар он даҳҳо портрети занони саросари ҷаҳон намоиш дода мешаванд, ба намоиш гузошта хоҳанд шуд. Онҳо занҳое мебошанд, ки ин ҷаҳонро ба пеш мебаранд!

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

*Ҳамкории байналмилалӣ*

# САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ САМАРҚАНД РИВОҶ МЕЁБАД

***Дар Донишгоҳи байналмилалии туризм ва мероси фарҳангии “Роҳи абрешим” бахшида ба ҷамъбасти соли якуми лоиҳаи “Рушди захираҳои мероси фарҳангӣ ва афзунсозии салоҳияти сайёҳии Самарқанд”, ки аз ҷониби Институти археологияи Самарқанд ба номи Яҳё Ғуломов ва Хазинаи мероси фарҳангии Куриёи Ҷанубӣ амалӣ мегардад, тадбир гузаронида шуд.***

Профессор-устодони Донишкадаи археологияи Самарқанд, Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, Донишгоҳи байналмилалии туризм ва мероси фарҳангии “Роҳи абрешим” ва мутахассису коршиносони осорхонаҳои таркиби Агентии мероси фарҳангии Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирокдорони он буданд.

Ба сухан баромадагон таъкид карданд, ки лоиҳа барои солҳои 2022-2026 пешбинӣ шуда, дар доираи он ташкил кардани Маркази консерватсияи мероси фарҳангии тобеи Донишгоҳи байналмилалии туризм ва мероси фарҳангии “Роҳи абрешим”, истифодаи усулҳои муосир дар кофтуковҳои бостоншиносӣ, ба даст овардани андозаҳои 3D объектҳои археологӣ, созмон додани пойгоҳи маълумот доир ба мероси фарҳангии Самарқанд ва афзунсозии таҷрибаи мутахассисони ҷавон дар назар аст.

Зикр гашт, ки дар асоси ин вазифаҳо соли ҷорӣ дар мавзӯъҳои «Таҳлили артефактҳои археологӣ дар таҷҳизоти XRF», «Идоракунии бозёфтҳо ва бақайдгирии артефактҳо», «Консерватсияи бозёфтҳои археологӣ дар шароити саҳро», «Тадқиқоти геофизикӣ дар археология» ва «Истифодаи тадқиқоти замонавӣ дар археология» машварат-тренингҳо гузаронида шуданд.

Дар рафти машварат-тренинг аз ҷониби Хазинаи мероси фарҳангии Куриё дар доираи лоиҳа ба Институти археологияи Самарқанд таҷҳизоти замонавӣ тақдим гардид.

– Чанде пеш миёни Вазорати туризм ва мероси фарҳангии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Куриёи Ҷанубӣ меморандуми ҳамкорӣ имзо гардида буд, — иброз дошт директори институт Мӯъминхон Саидов. – Мувофиқи созишнома лоиҳа дар ду зина амалӣ мегардад. Зинаи аввали ин лоиҳа ба баланд бардоштани салоҳияти осорхонаҳои Ӯзбекистон ва такмил додани пойгоҳи моддию техникии онҳо нигаронида шудааст, ки солҳои 2020-2021 дар Музей-мамнӯъгоҳи давлатии Самарқанд амалӣ гардидаанд. Татбиқсозии зинаи дувуми лоиҳа барои солҳои 2022-2026 пешбинӣ шуда, арзиши умумии он 3 миллиону 800 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ҳоло бобати татбиқсозии лоиҳа корҳо амалӣ мешаванд ва имрӯз натиҷаҳои солонаи он баррасӣ шуд.

Дар анҷом ба иштирокчиёне, ки дар машварат-тренинг фаъолона иштирок намуданд, сертификатҳо супорида шуданд. Ҳамзамон, корҳое, ки дар доираи лоиҳа бояд соли 2023 амалӣ шаванд, муайян гардиданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ДАР ҒИҶДУВОН КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ РАВҒАН БА КОР ДАРОМАД

***Дар ноҳияи Ғиҷдувони вилояти Бухоро корхонаи «Graf yog-moy ekstraksiya» оид ба истеҳсоли равғани пахта ба кор пардохт.***

Корхонаи иқтидори коркардаш 50 тонна тухми техникии пахта ҳар рӯз ба бозори ватанӣ таҳти тамғаи савдои GRAF маҳсулот расонда медиҳад.

– Дар доираи қонунгузории дарамал бояд мувофиқи тартиби муқарраршуда як қатор ҳуҷҷатҳои дорои ҷиҳати рухсатӣ: санитарию гигиение, ки ба истеҳсоли равғани пахта ва офтобпараст иҷоза медиҳанд, хулосаҳои ветеринарӣ барои шрот ва шелухаи пахта, ҳамчунин сертификати мувофиқат барои истеҳсоли равғани пахта дар бахши бухороии ГУ UzTest омода карда шаванд, – мегӯяд роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Graf yog-moy ekstraksiya» Элёр Асадов. – Корхонаи мо тамоми рухсатномаҳои зикршуда ва хулосаҳои лабораториро бо назардошти талаботе, ки ба бехатарии маҳсулоти тайёри корхонаи равған пешниҳод мешаванд, дастрас кард. Чунончи, меъёри бехатарии хӯроквории «O’zDSt ISO 22000- 2019», ки риояи талабот бинобар истеҳсол, банду баст, тамғабандӣ, нигоҳдорӣ, кашондан, баргардондан ва коркард, истихроҷ барои фурӯш, идентификатсия, баҳои мувофиқат, интихоби намунаҳо ва баргузор кардани санҷиши маҳсулоти равған мувофиқи регламенти умумии техникии «Дар бораи бехатарии маҳсулоти равған»-ро пешбинӣ менамояд, сертификати мувофиқа гирифта шуд. Ба мақсади таъмини муттасили корхона бо маҳсулоти зарурӣ барои истеҳсолот аз корхонаҳои кластерӣ ва хоҷагиҳои фермерии ноҳия бобати расонда додани онҳо муоҳида баста мешавад. Ба шарофати кӯмаки амалии мутахассисони идораи Инспексияи оид ба назорат ба маҷмӯи агросаноатии вилояти Бухоро алҳол мо имкон дорем тухмии техникии пахтаро, ки аз ҷониби кластерҳои пахтаву бофандагӣ истеҳсол шудаанд, харид кунем.

Дар корхонаи равғани пахта силсилаи пурраи коркард: майдакунии тухмии пахта, коркарди гидротермикӣ, пресскунӣ, экстраксия, рафинатсия, дезодоратсия ва борбанд гузаронда мешавад. Баъд аз бо иқтидори пурра ба кор даромадани корхона нафақат равғани рустанӣ, балки равғани офтобпараст, соя, сафлор, ки маҳсулоти равғани содиротиро иваз мекунанд, истеҳсол мешаванд. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Graf yog-moy ekstraksiya» метавонад 15000 тонна тухмии пахтаро коркард кунад ва соле 2520 тонна равғани пахта, 6720 тонна шротаи озуқавории пахта барои маҷмӯъҳои чорвопарварӣ, 4730 тонна шелуха истеҳсол намояд.

Барои бунёди корхона 1 миллиону 200 ҳазор доллар, боз 642000 доллар барои хариди таҷҳизот ва технологияҳои зарурӣ равона гардид. Барои сохтмони сех 558000 доллар харҷ шуд. Воми сармоявии бахши бухороии «ТРАСТБАНК», ки дастгирии молии ташаббуси мазкурро амалӣ менамояд, 420000 долларро ташкил медиҳад.

Ҳоли ҳозир бобати ба имзо расондани муоҳидаҳои меҳнатӣ бо ҷавонони муқими маҳаллаи Кӯшк ва ҳудудҳои назди он, ки мехоҳанд дар корхонаи мазкур кор кунанд, кор бурда мешавад. Дар давраи ибтидоӣ танҳо дар сехе, ки дар маҳалла ҷойгир шудааст, 40 нафар бо кор таъмин карда хоҳанд шуд.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

*Дар Ӯзбекистони Нав – халқ азиз, инсон азиз*

# АЗ Ӯ ХОТИРАИ НЕК МОНДААСТ

Ному кори ҳар як инсоне, ки барои ояндаи Ӯзбекистон, шукуфоии он ҷони худро нисор кардааст, дар ёди мардуми мо боқӣ мемонад. Агар ба рӯҳи гузаштагон дуои нек хондан аз ҷумлаи амалҳои шаръӣ бошад, хотираи онҳоро абадӣ гардондан ва аз онҳо ба некӣ ёд кардан аз зубдаи ҳувиятҳои миллии халқи мост.

Солҳои 70-80-уми асри гузашта ноҳияи Косонсойи вилояти Наманган ба як майдони бузурги сохтмон табдил ёфта буд. Паси ҳам биноҳои маданиву маишӣ, манзилҳои зебои баландошёна қомат меафрохтанд. Баробари ин, заминҳои нав аз худ мегардиданд, ҷӯйю каналҳо, дар пуштаҳо иншооти бузурги обкашиву обтақсимкунӣ сохта ба истифода супурда мешуданд. Дар сари ҳамаи ин корҳо инсони фидокору боғайрат Самарахон Каримов меистод. Ин шахсро, ки нахуст роҳбари аввали ноҳияи Чуст, баъдан роҳбари якуми ноҳияи Косонсой буд, аҳли ҳар ду навоҳӣ то имрӯз бо ҳурмат ёд мекунанд.

Агар барандаи унвони «Корманди шоистаи маданияти Ӯзбекистон», соҳиби чандин ордену медалҳо Самарахон Каримов дар қайди ҳаёт мебуд, имсол 90 солагии худро қайд мекард. Самарахон Каримов, ки ба дараҷаи арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ расида буд, чандин бор узви Кумитаи Марказӣ, депутати Шӯрои Олӣ интихоб шудааст.

Аз тарҷумаи ҳоли ин марди фидоӣ пайдост, ки замони кӯдакиву бачагӣ ва наврасиаш бо душвориҳо гузашта, дар кӯраи меҳнат обутоб ёфтааст. Туфайли саъю кӯшишҳояш ба комёбиҳои баланд муваффақ гардидааст. Дар ӯ фаросату заковати дида тавонистани оянда буд. Бинобар ҳамин ҳам дар Косонсой, баъд аз роҳбари ин ноҳия таъин шуданаш, корро, пеш аз ҳама аз пайванд кардани ду соҳили дарёчаи ҳамном оғоз намуд, пулҳои мусофир ва мошингузар бунёд кард. Дар маркази ноҳия ва деҳоти атрофи он пайи ҳам мактабҳо, кӯдакистонҳо, кинотеатрҳо, хонаҳои маданият, омӯзишгоҳҳо, боғҳои истироҳат сохта шуданд. Дар муҳлати кӯтоҳ садҳо ҷавонон имкон пайдо карданд, ки таълиму тарбия гиранд, соҳиби касбу ҳунар шаванд, сафи коргару хидматчиёни босалоҳиятро пурратар намоянд. Ҳанӯз дар солҳои ҳаштодуми қарни сипаришуда сохтмони беморхонаи марказии бисёрсоҳа оғоз ёфт, ки имрӯз низ ба талаби замон мувофиқат мекунад, баробари ин бисёр ташкилоти сохтмону бинокорӣ, корхонаҳои хиштбарорӣ, истеҳсоли маҳсулоти оҳану бетон, фабрикаю заводҳо сохта шуданд. Косонсойи хурду назарногир дар як муҳлати начандон тӯлонӣ симои нав касб кард, ба шаҳри зебо мубаддал гардид.

И. Наҷмиддинов, М. Оппоқов, А. Ҷаъфаров, З. Мансуров ва бисёр дигар ҳамзамонону ҳамкорони С. Каримов тарзи корбарӣ, сухандониву кордонии қаҳрамони лавҳаи моро ба некӣ ёд мекунанд.

Бино ба нақли онҳо нависандаи маъруф Саид Аҳмад, ки дӯстдори ноки Косонсой буд, бо баҳонаи он тирамоҳи ҳар сол ба ин ноҳия меҳмон мешудааст. Боре дар ташрифи навбатии худ Саид Аҳмад бо котиби аввали кумитаи ҳизбии ноҳия Самарахон Каримов ба тамошои саҳрои Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Абдусаттор Шарипов меравад. Онҳо, вақте ба пахтазори сап-сафед шукуфта наздик мешаванд, деҳқоне ба пешвозашон меояд ва ба Самарахон Каримов шикоят мекунад, ки сардори бригада то ҳол ба ӯ мукофоти пулиро надодааст. Инро шунида, сарвари ноҳия аз деҳқон хоҳиш мекунад, ки каландашро ба вай нишон диҳад, деҳқон каланди худро ба котиб нишон медиҳад. Самарахон Каримов пас аз дидани каланд ба деҳқон мегӯяд, ки сардори бригада қарори дуруст ва одилона баровардааст. Агар ту деҳқони ҳақиқӣ мебудӣ ва хуб меҳнат мекардӣ, каланди дастат дар зери нури офтоб медурахшид, вале ман мебинам, ки ин асбоби кории ту аз «бекорӣ» занг задааст ва он далели хуб кор накардани туст. Деҳқон аз ин ҷавоби роҳбари ноҳия зери обу арақ мемонад ва бо сари хам аз назди онҳо дур мешавад.

Саид Аҳмад бошад, барои ин ҳақиқатпарвариву ҳозирҷавобиаш ба Самарахон Каримов тасанно мегӯяд.

Роҳбари боистеъдоде, ки аз байни халқ баромадааст, бояд чунин ҳақпарвару одил бошад, худи ҳамин хислат аз кӣ ва чӣ гуна роҳбар будани шумо дарак медиҳад, – илова мекунад нависандаи бузург.

Абдусаттор Ғафурови чустӣ аз шогирдони ҳақиқии Самарахон Каримов будааст.

– Шиносоии аввалини мо дар мавсими ба пахтазор об мондан оғоз ёфта буд, – ба ёд меорад ӯ. – Он замон мани хеле ҷавон дар вазифаи муҳосиби саркор кор мекардам. Боре Самарахонако бо раиси хоҷагӣ ба саҳрои мо омаданд. Як қисми майдони пахтазорро алаф пахш карда буд.

– Ин чӣ ҳол аст? – бо хитоб ба ман нигарист раис. – Ҳама ҷоро алаф пахш кардааст-ку!

Ман хостам вазъиятро фаҳмонам, вале раис ҳатто фаҳмидан ҳам намехост, ӯ маро бо алфози дурушт дашном медод. Самарахонако ин ҳол ва муомиларо дида, ба раис рӯ оварда гуфт:

– Худро ба даст гиред, чунин тарзи муомила бо зердасти худ аз рӯйи инсоф нест, вазнинтар шавед, вазъиятро омӯзед, ана баъд хулоса бароред.

Котиб баъди ин суханон ба ман рӯ оварда гуфт: – Ту, ҷавонмард, ҳаргиз хафа нашав, рӯзе меояд, ки худат раис мешавӣ ва ба маънии ин дӯғу пӯписаҳои раисат расида, ҳамаашро фаромӯш мекунӣ.

Воқеан, ман таълиму тарбияи Самарахонакоро гирифта, оқибат раиси хоҷагӣ ҳам шудам ва ҳар бор он гуфтаҳои ӯро ба хотир оварда, ба дурбиниву дурустандешии ӯ қоил мемондам. Ин воқеа дар ҳаёти ман сабақи бузург гардид. Бинобар ин ҳеҷ гоҳ ба зердастони худ, ҳамкоронам муомилаи дағал намекардам, дили касеро намеранҷондам.

Дар оилаи Самарахон Каримов нақши ҳамсари ӯ Манзурахон низ бузург буд. Вай барои ҳифзи обрӯйи оилаи роҳбари ноҳия талош мекард, соҳибхоназани хоксору меҳнаткаш буд. Дар вақтҳои зарурӣ



бо ихтиёри худ ба саҳро мебаромад, ҳамроҳи занону духтарон кор мекард, пахта мечид, рӯҳи атрофиёнро бо суханони нарму самимӣ мебардошт. Баробари ин ба тарбияи фарзандон ҳам аҳамияти махсус медод. Худаш нон мепухт, гов медӯшид, хӯрок тайёр мекард. Ман ҳамаи ин кору ҷиҳатҳои махсуси ӯро бинобар он ки ҳамсари котиби аввали ҳизбии ноҳия бо холаи дӯзандаи ман – Хадичахон дугонаи қарин буданд ва зуд-зуд ба хонаи онҳо меомад, хуб медонам. Манзураапа, воқеан зани хушмуомилаву суҳбатоdo буд. Аз ин рӯ дар хонаводаи Каримовҳо фарзандон хуштарбия ва ҳама соҳиби маълумоти олӣ гардиданд. Имрӯз фарзандони онҳо аз паи падару модар ва furbobову бибӣ мераванд.

Ба инсон вақт баҳо медиҳад. Баробари гузаштани вақт фурсати гузашта ба назар беш аз пеш равшантар падидор мегардад. Агар ба роҳи умри Самарахон Каримов аз нуқтаи назари имрӯз дида дӯзем, дарк менамоем, ки ӯ мавзеи таваллуд ёфтаву бавоярасидаи худро басо қадр мекардааст, барои ояндаи он зиёда дилсӯзӣ намудааст.

Оре, имрӯз ҳам дар Косонсой корҳои азими бунёдкорӣ идома доранд. Симои шаҳру деҳот рӯз аз рӯз беҳтару дилкаштар мешаванд. Тарзи ҳаёти халқ низ куллан беҳ мегардад. Шароити зиндагии мардум хуб, дастурхони онҳо аз нозу неъмат сероб аст, роҳҳо равон, кӯчаҳо равшан ва аз ҳама муҳимаш халқ аз ҳаёти кунунии худ мамнун мебошад. Бешубҳа, барои ба чунин рӯзҳои хубу хуш расидан заҳмати беқиёси падару бобоёни мо низ ҳаст, зеро тағйироту дигаргуниҳо худ аз худ ба миён намеоянд. Ба ин пешрафтҳо одамон бинобар ҳифзи суннатҳои миллии худ, дониш, таҷрибаи ҳаётии хеш мерасанд. Агар ба қиёфаи Косонсойи кунунӣ аз баландии қалъаи Муғ, ки дорои таърихи дуюнимҳазорсола мебошад, назар бидӯзем, тавре ки дар асари шоҳ ва шоири бузург Заҳириддин Муҳаммад Бобур – «Бобурнома» иншо шудааст, ба як манзараи беназиру дилпазир рӯ ба рӯ мешавем. Дар байни ана ҳамин манзара биноҳои сапсафед ва хуштарҳу хушнаморо мушоҳида мекунем. Маҳз ана ҳамин иморатҳо ва сокинони хушбахти онҳо бидуни шубҳа ёду хотираи неки Самарахон Каримовро зинда медоранд.

**Муҳиддин ОМАД,**
**журналист.**
**Дар сурат: Самарахон Каримов бо фарзандонаш.**

# МУАССИСАИ НАВИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ

**Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Орияти ноҳияи Янгиҳаёт муассисаи нави таълими томактабии давлатӣ ба истифода супурда шуд.**

Ин бинои дуошёнаи замонавӣ бо воситаҳои таълиму тарбияи замонавӣ муҷаҳҳаз буда, метавонад зиёда аз 500 нафар наврасро дар бар гирад. Он аз ҷониби бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Қурулиш инвест" бунёд гардид. Барои сохтмони бино 6 миллиарду 300 миллион сӯм маблағ харҷ шуд.

Дар ин маскани тарбия шабакаи санитарию гигиенӣ, бунгоҳи тиббӣ, толори мусиқӣ, шоҳмот, шашка, хонаҳои забонҳои хориҷӣ, ошхона, айвончаи тобистона, майдончаи бозӣ дар хидмати наврасон аст. Мураббиҳои бомалака аз усулҳои интерфаъол истифода намуда, машғулотро барои гурӯҳҳои хурдсол дар доираи Барномаи давлатии таълимии «Қадами аввал» мегузаронанд. Мувофиқи он кӯдакон бо кумаки мураббиён расм кашидан, ҳар гуна нақшҳо офариданро меомӯзанд ва дар бораи хосиятҳои фоидабахши меваву сабзавот маълумот мегиранд. Ҳамчунин нутқ ва саводи кӯдакон, донишҳои ибтидоии математикӣ, қобилияти эҷодии онҳо аз санҷиш гузаронида мешаванд.

Дар маросими тантанавӣ ҳокими ноҳия Ҳаёт Иноғомов иштирок намуд ва ҳозиронро ба ин муносибат муборакбод намуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Шифокорони мо*

# ДУХТУРИ "БИБИШИРИН"

Вайро дар деҳа Нуриддиндухтур мегӯянд. Ғолибан аз инсонҳоест, ки муттасил пайи сиҳҳатии аҳли башар меандешанд. Парвардаи обу хоки деҳаи Бибиширини ноҳияи зебоманзари Бойсун аст, соли 1961 дар оилаи иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон Маҷид Шоҳимардонов ба дунё омадааст. Мактаби деҳаро соли 1980 хатм намуда, ҳамон сол бо раҳнамоии бародараш Раҳматуллоҳ ба Донишкадаи тиббии Тоҷикистон ҳуҷҷат супорида, донишҷӯ шуд. Пас аз ҳафт соли таҳсил дар факултаи педиатрии донишкадаи мазкур дар даст дипломи "духтури бачаҳо" ба зодгоҳ баргашт.

Нуриддин ёд меорад, ки вақте таҳсил ба поён расид, устодон аз ӯ даъват карданд, ки дар донишкада монад ва фаъолияти илмӣ барад.

– Бисёр мехостам дар Душанбе монаму ба дониши худ афзоям, – мегӯяд ӯ. – Аммо рисолати дигаре дар дӯш доштам. Ман бояд ба зодгоҳ бармегаштам. Зеро, дар Бибиширин, модарон ва фарзандони онҳо ба кумаки табиби бачагон ниёзи бештаре доштанд...

Ҳамин тавр Нуриддин Шоҳимардонов чун табиби кӯдакон ба Бойсун баргашт. Мутахассиси ҷавонро зуд ба бемористони марказии ноҳия даъват карданд. Аммо падараш гуфт:

– Дар деҳа кор мекунӣ, бачем! Чаро? Худат инро нағз медонӣ!

Бале, Нуриддин аз ёд набаровварда буд ва медонист, ки падараш ба кадом воқеа ишора мекард.

– Вақте мактабхон будам, модари меҳрубонам ба ҷавори Ҳақ пайваст, – чашмонаш хонаи ашк бо оҳи сарде идома дод Нуриддин. – Модар барои ба дунё овардани фарзанди нав тӯъмаи марг гардид. Ин воқеаи нохуш, олами рангини мани ҳанӯз мактабхон ва дар оғӯшу орзуҳои ширинро мағшуш сохт. Он рӯзи наҳс, ки ҷисми беҷони модар бар тобут сари китфони мардуми деҳа то манзили вопасин мерафт, дар худ савганд ёд карда будам, ки пас аз хатми мактаб ҳатман духтур мешавам! Чун духтур шавам, аз домани деҳа дур намеравам, хидмати мардумро адо мекунам...

Инак, Нуриддин зиёда аз 35 сол аст, ки хидмати мардуми деҳаро ба ҷо меоварад. Дарвозаи вай қуфл надорад. Корафтодагон ҳар гоҳ зарурате пеш омад, ба суроғаш меравand ва духтур зуд ба беморони онҳо кумак мерасонад. Бо як сумкаи пур аз доруворӣ, танометр, ҳароратсанҷ ва дигар созу кори табобат ҳамеша, новобаста аз он ки ҳаво сард аст ё гарм, борон аст ё барф, ба кумаки аҳли русто мешитобад. Агар ба сабабе чанд рӯз берун аз деҳа равад, мардум сари калобаи худро гум мекунанд.

Мардуми Бибиширин духтури худро хеле дӯст медоранд. Ҳоло Нуриддиндухтур танҳо табиби кӯдакон нест. Таҷрибаи кории 35-сола ӯро ба духтури ҳамасоҳаву ҳамадон табдил додааст. Аз хурд то бузург, агар дарде доранд, пеши ӯ меоянд ва муддаои дилашонро ба рӯяш мекушоянд.

– Деҳа ҳавои худро дорад. Мардуми он сода ва дилашон аҷаб мусаффову бекина аст, – мегӯяд ӯ. – Ҳатто бузу гӯсфанд ва гову гӯсолаашон ҳам аз қазо нотоб шавад, маслиҳат мепурсанд, ки чӣ давое кунем. Ман ба дил намегирам. Аз нақли онҳо хулосае баровaрда, ҳамеша маслиҳате медиҳам.

Паси дари хонаи кории ӯ аз одам пур аст. Бештар модарон бо кӯдакон меоянд. Аҷаб он аст, ки аз Нуриддиндухтур кӯдаке намеҳаросад, ӯро шафиқи худ медонад. Зеро ӯ кайфияти олами онҳоро хуб медонад ва бо гуфтору рафтори худ ба ин дунёи зебо роҳ меёбад. Ин аст, ки дар деҳа ҳамаи кӯдакон Нуриддиндухтур – ин марди синнаш ба шаст расидаро ҷӯраи худ медонанд.

– Дӯстони кучаки ман маро чун дар кӯча бинанд, тамом, ба ҳолу ҷонам намемонанд. То муддате ҳамроҳашон бозӣ накунаму шарики хурсандиашон нашавам, меранҷанд. Табиати беғуборе доранд онҳо, – мегӯяд Нуриддиндухтур бо ифтихор.

Таҷрибаву дониши фароҳи ӯро ба инобат гирифта, чандин маротиба барои кор ба бемористони бачагонаи шаҳри Тирмиз даъват карданд. Аммо Нуриддин қатъиян рад намуд. Зеро савганди худу исрори падарашро фаромӯш накардааст. "Охир, дарахт ҳам дар як ҷо месабзад", – худро тасаллӣ медиҳад ӯ.

Ҳамин тавр Нуриддин Шоҳимардонов тамоми фаъолияти худро дар бунгоҳи тиббии деҳаи Бибиширин гузаронид.

– Бинои замонавии ин бунгоҳ соли 1996 сохтаву ба истифода дода шуда буд ва бино ба нақшаи пешакӣ мебоист ба 6667 нафар аҳолӣ хидмати тиббӣ расонад. Ёд дорам, ки дар маросими ифтитоҳи он аз Тошканду Тирмиз ва ҳокимияти Бойсун меҳмонони зиёде омада буданд. Тамоми таҷҳизоти зарурӣ таъмин ва омодаи кор буд. Аҳли деҳа хеле хурсанд шуданд. Аммо пас аз як рӯзи он тантанаҳо бино гӯё об задаву рӯфта бошанд, холӣ шуд. Таҷҳизотро танҳо барои намоиш ва мувaққатан кушодани бино аз бемористони марказии ноҳия оварда будаанд...

Нуриддин, ки раҳбарии ин бунгоҳро бар зимма дошт, аз ин амали ноҷавонмардона сахт ошуфта гардид ва алайҳи ноадолатии роҳбарон бебокона мубориза бурд. Пас аз як матолиби танқидӣ дар рӯзномаи вилоятӣ бунгоҳи тиббии Бибиширин дубора бо таҷҳизот таъмин гардид. Ҳоло ин маскани тиббӣ поликиникаи оилавии рақами 9-ум аст. Мардуми деҳоти атроф низ омадаву ба дарди худ шифо меёбанд ва назар ба маълумоти омор дар ноҳияи Бойсун аз пешқадамтарин муассисаҳои тиббист. Маскан бо мошини ёрии таъҷилӣ низ таъмин аст. Хоса фаъолияти лабораторияи он, ки раҳбараш Турдӣ Эшмуродов мебошад, арзандаи ситоиш аст. Дар он зери роҳбарии Нуриддин Шоҳимардонов зиёда аз даҳ нафар мутахассисони соҳаи тиб кор карда, барои сиҳҳатии мардуми маҳал ва атрофи он заҳмат мекашанд. Ҳоло дар поликлиника ба таври статсионарӣ табобат кардани беморон низ ҷорӣ гардидааст ва рӯзе 7-8 нафар саломатии худро барқарор мекунанд.

Нуриддиндухтур соҳиби оилаи намунавист. Вай бо ҳамсараш Ҳалима чор нафар фарзандро ба воя расонданд. Аз Матлубаю Манучеҳр ва Барзую Бахтовар танҳо хурдӣ ният дорад касби падарро идома диҳад. Бахтовар алъон донишҷӯйи Академияи тиббии Тошканд аст.

Бояд гуфт, ки Нуриддиндухтур ҷавонии худро сарфи хидмати мардум кардаву сардиву гармиҳои ҳаёти бешафқатро чашида, инак ба синни муборакi шаст расидааст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ТАЪРИХИ МАКТАБИ ХАТТОТИИ МОВАРОУННАҲР ВА МАЪРУФТАРИН НАМОЯНДАГОНИ ОН

## Мактаби хаттотии Бухоро

### Аҳмади Дониш (1827-1897)

Шоир, нависанда, файласуф, хаттот, арбоби давлатӣ ва дипломат Аҳмади Дониш Махдум ибни Носир, ки аз мутафаккирони бузурги асри XIX маҳсуб мешавад, соли 1827 дар деҳаи Суғути ноҳияи Шофиркони вилояти Бухорои имрӯза, дар оилаи мударрис Мулло Мир Носир ба дунё омадааст. Аҳмади Дониш, ки аз хурдӣ ба шеърият ва рассомӣ таваҷҷуҳ дошт, таҳсилоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, соли 1842 ба мадраса дохил мешавад. То ин дам ӯ наҳв ва таърихи забони арабиро омӯхта, шеър менавишт ва китобҳои дастнависро бо минётура оро медод. Аҳмади Дониш дар солҳои таҳсил дар мадраса ҳамчун хаттот, рассоми миниётур ва наққоши моҳир маъруф шуд.

Аҳмади Дониш ба назари амир Насрулло (1827-1860) — ҳукмдори аморати Бухоро меафтад ва аз соли 1855 дар дарбори амир ба сифати меъмор ва муҳандис кор мекунад. Аммо вай ба зудӣ ҳамчун олим, шоир ва нависанда шуҳрат пайдо карда, дар масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ мутахассиси хубе гардид. Аз ин рӯ, солҳои 1857, 1869 ва 1875 ба сифати котиби ҳайати сафоратхонаи аморати Бухоро се маротиба ба шаҳри Петербург — пойтахти империяи Русия сафар кардааст. Дар асоси таассуроти сафар ӯ осори «Наводир-ул-вақоеъ» («Воқеаҳои нодир») ва «Тарҷумаи аҳволи амирони Бухорои шариф»-ро навишт, ки дар онҳо масъалаи ислоҳоти сохти аморатро ба миён гузошт. Аҳмади Дониш соли 1865 бо даъвати Амир Музаффар (1860-1885), ҳукмдори навбатии аморати Бухоро китоби астрономияро бо номи «Манозил-ул-кавокиб» («Мавқеъи сайёраҳо») навишт. Солҳои 1870-1873 дар бораи ислоҳоти сохти давлатӣ «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» («Рисола дар бораи фарҳанг ва тартиби иҷтимоӣ»)-ро навишт. Аммо андешаҳои ӯ ба амир писанд наомад ва ӯро аз дарбор дур карданд. Пас аз даргузашти амир Музаффар амир Сайид Абдулаҳадхон (1885-1910) – ҳукмдори навбатии аморати Бухоро Аҳмади Донишро ба пойтахт – Бухоро даъват карда, ӯро ҳамчун мударриси яке аз мадрасаҳо ва роҳбари китобхона таъин кард.

Ба ҷуз аз осори зикршуда, Аҳмади Дониш, «Таърихи салтанати хонадони манғития», маъруф ба «Рисолаи таърихӣ», «Маҷмӯаи ҳикоёти Аҳмади Калла», «Ислоҳ миёни шиа ва суннӣ», «Дафтари тақвим», «Меъёр ут-тадайюн» («Меъёрҳои тақво»), «Рисола фи аъмол-ул-кура» («Рисола дар бораи глобус»), «Таодули хамсаи мутаҳайира» («Рисола дар бораи панҷ сайёра») барин асарҳо навиштааст.

Ҳоло дар хазинаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон 16 нусхаи дастнависи Аҳмади Дониш маҳфуз аст. Аксари онҳо нусхаҳои аслии бо хатти ӯ навишташуда мебошанд. Баъзе аз осори санъати тасвирии Аҳмади Дониш то мо расидаанд. Мусаввир дар минётураи худ «Мактаб» ғояи таълими занону духтаронро ба миён гузоштааст. Минётураи Аҳмади Дониш «Шоир ва дарвеш», ки бо услуби санъати минётураи асри XV кашида шудааст, ду минётура бо номи «Маҷнун дар саҳро», тасвири ҳаҷвии бангӣ, осори Бедил бо нусхабардорӣ ва ороиши ӯ, дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ ва дар Осорхонаи давлатии санъати Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад.

## Мактаби хаттотии Хоразм

### Муниси Хоразмӣ (1778-1829)

Мунис, писари Шермуҳаммад Амир Авазбӣ, шоир, муаррих, мутарҷим, хаттот ва равшанфикр, соли 1778 дар деҳаи Қиёти наздикии Хева ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби деҳа, ки дар он ҷо таваллуд ва калон шудааст, гирифтааст. Ҳангоми таҳсил дар мадрасаҳои Хева, дар баробари илмҳои замонааш, асрори хаттотиро низ омӯхтааст. Мунис, ки яке аз хаттотони баркамоли замони худ гардид, аз соли 1800 дар сарои хони Хева Аваз Муҳаммад Иноқ (1790-1804) ба сифати котиби фармоннавис ба кор шурӯъ кард. Ӯ бо олимону шоирону санъаткорони маъруфи замони худ робитаи зич дошта, донишу хирад ва неруи хешро ба шеъру илму маърифат бахшидааст. Соли 1804 нахустин китоби ашъори Мунис «Девони Мунис» аз чоп баромад.

Соли 1806 бо хоҳиши ҳукмдори навбатии хонигарии Хева Элтузархон (1804-1806) ба навиштани асари «Фирдавс-ул-иқбол» («Боғи бахт») оид ба таърихи хонигарии Хева шурӯъ намуд. Вале Элтузархон пеш аз ба охир расидани таълифи ин китоб ба таври фоҷиавӣ вафот кард. Мунис ба навиштани китоб идома медиҳад ва соли 1819 тарҷумаи асари таърихии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхондро ба забони туркӣ шурӯъ мекунад. Аммо баъди хатми ҷилди якуми ин асар худаш низ аз олам гузашт. Пас аз он шогирди Мунис Огаҳӣ асари «Фирдавс-ул-иқбол» ва тарҷумаи «Равзат-ус-сафо»-ро ба анҷом расонд. Мунис дар бораи иншоотҳои обёрӣ ва муносибатҳои обу замини замони худ бо номи «Арналар» («Каналҳо») низ рисола навиштааст. Қисми асосии мероси адабии Мунис аз дусад ҳазор байт иборат буда, ғазал, мухаммас, қасида, рубоӣ, қитъа ва дигар жанрҳои шеъриро дар бар мегирад. Девонро хаттотон такрор ба такрор нусхабардорӣ кардаанд ва соли 1880 дар чопи сангии Хева аз нав нусхабардорӣ ва нашр шудааст.

Мунис, ки аз хаттотҳои бомаҳорат ва машҳури замони худ маҳсуб мешуд, осори шоирону нависандагони маъруфро нусхабардорӣ ва аз нав китобат мекард. Аз ҷумла, соли 1794 «Мизон-ул-авзон»-и Навоӣ ва соли 1797 «Ҳолоти Сайид Ҳасани Ардашер»-ро нашр кардааст. Мунис зимни нусхабардории дубораи «Мизон-ул-авзон» баъзе иштибоҳҳои хаттотони пешинро ислоҳ кардааст. Ӯ на танҳо бо хаттотӣ машғул буд, балки дар инкишофи назарияи хаттотӣ низ саҳми худро гузоштааст. Соли 1804 рисолаи шеърии «Саводи таълимӣ»-ро таълиф намуд, ки ба масъалаҳои осон кардани савод ва рушди санъати хаттотӣ бахшида шудааст.

Якчанд нусхаи дастнависи девонҳои Мунис дар хазинаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунӣ маҳфузанд.

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро,**
**хаттот.**

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Институти шарқшиносии**
**ба номи Абурайҳон Берунӣ,**
**доктори умуми таърих.**




*Дар кишвари маҳбуб*

# АҲОЛИИ ТОШКАНДИ АЗИМ

***Яке аз шаҳрҳои қадимӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ будани Тошканд, дар ин марз ҳануз дар давраи палеолит (пеш аз милод) ва ибтидои ҳазорсолаи нав зиндагӣ кардани одамон, асосан ба чорводорӣ ва қисман ба кишоварзӣ машғул будани қабилаҳои бумиву кӯчӣ ба аксарияти мо маълум. Вале аз хусуси миқдори сокинон дар давраҳои муайяни таърихӣ ва тарзи зисту машғулоти онҳо маълумотҳо хеле кам мебошанд.***

Танҳо дар охири асри ҳаждаҳум истиқомат кардани бештар аз 40 ҳазор нафар аҳолӣ дар сарчашмаҳо қайд ёфтаанд. Дар солҳои панҷоҳуми асри нуздаҳ бошад, зиёда аз 50 ҳазор нафар сокинони Тошканд дар тақрибан 11 ҳазор хонадон муттаҳид шудаанд.

Баъде Тошканд ба тасарруфи Русия гузашт, имкон пайдо шуд миқдори аҳолии он аниқтар гардад (соли 1868 шуъбаи барӯйихатгирии аҳолӣ ташкил шуда буд). Соли 1865 шаҳр аз чаҳор даҳа (Бешёғоч, Кӯкча, Себзор, Шайхонтаҳур) ва Шаҳри нав иборат гардид ва миқдори аҳолӣ 73,8 ҳазор нафар, ба соли 1884 омада 90,1 ҳазор нафарро ташкил намуд. Истиқоматкунандагони Шаҳри нав бештар меафзуданд. Дар соли 1902 назар ба соли 1869 аҳолӣ ду баробар зиёд шуд. Структураи иҷтимоии аҳолӣ иборат буд аз маъмурҳои ҳукумати подшоҳӣ, амалдорҳои маҳаллӣ, хидматчиёни ҳарбӣ, аъён, рӯҳониён, деҳқонон, ҳунармандон, зиёиҳо ва ҳоказо. Таркиби иҷтимоӣ-сиёсии аҳолии шаҳр дар соли 1897 иборат буд аз косибу ҳунармандон (29, 5 фоиз), савдогарон (17,8), хидматчиёни ҳарбӣ (15,8), ходимони хоҷагидории хоҷагии хонаву манзил (3 фоиз), ходимони илму фан, санъат, тандурустию таълим (1,2) ва ғайраҳо.

Сабзиши аҳолии Тошканд асосан аз рӯйи муҳоҷират ба амал омад ва ба қисми Шаҳри нав рус ва русзабонҳо кӯчида омаданд. Айни замон дар гирду атрофи шаҳр деҳаҳое пайдо шуданд аз қабили Черняевка, Троитское, Кауфманское, Солдатское ва ҳоказо. Назар ба маълумотҳо, соли 1897 дар Тошканд миқдори аз ҷойҳои дигар омадагон 26,2 ҳазор нафарро ташкил менамуд (17 фоизи аҳолии умумии шаҳр).

Дар солҳои бистум-чиҳилуми асри бист аҳолии Тошканд хеле афзуд. Ба ин аз Самарқанд ба Тошканд кӯчонда шудани пойтахт низ сабаб гардид. Дар ин давр сокинони пойтахт бештар аз 500 ҳазор нафарро ташкил намуд. Соли 1960 ба 1 миллион нафар расид. Баъди 27 сол аҳолӣ 2 миллион нафарро ташкил намуд.

Суръати афзоиш, бинобар оғоз ёфтани ҷанг, дар солҳои чиҳилум як андоза суст шуда бошад, аз ҳисоби эвакуатсия аз ҳудудҳои наздифронт боз боло рафт. Баъди пирӯзӣ аз болои Олмони фашистӣ батадриҷ давраи барқарории демографӣ ба амал омад.

Соли 1966 дар пойтахт зилзилаи сахт ба амал омад ва он талафоти калон дид. Садҳо ҳазор нафар сохтмончиён аз ҳар гӯшаю канори Иттиҳод дар барқарорсозии шаҳр иштирок намуданд. Қиёфаи Тошканд куллан дигаргун гардид. Дар давоми солҳои 1960-1970 майдони пойтахт дуюним баробар васеъ гашт. Сабзиши миёнаи солонаи аҳолӣ ба 3,3 фоиз баробар гашт. Соли 1989 аҳолии шаҳр 2102,1 ҳазор нафарро ташкил кард. Аз оғози солҳои навад бо сабабҳои барои ҳамаамон маълум қисме аз русзабонҳо аз пойтахт низ кӯч бастанд. Суръати таваллуд низ нисбати пештара андак паст шуд. Бо вуҷуди ин афзоиши мутлақи аҳолӣ дар соли 1991 55 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Таркиби синнусолӣ ва ҷинсии аҳолӣ низ яке аз ҷонибҳои муҳими натиҷаҳои демографист. Ба ин робитаҳои миграционӣ, мавқеи иҷтимоии бонувон, марги модару кӯдак низ таъсир расонданаш мумкин. Дар соли 1897 бонувон дар Тошканд 45,9 фоизи аҳолиро ташкил карда бошанд, ба соли 1959 омада ҳиссаи ҷинси латиф 54 фоизи аҳолии умумиро ташкил намуд. Ба ин, албатта, оқибатҳои Ҷанги дувуми ҷаҳон (1941-1945), яъне ба фронт сафарбаршавии мардҳо, ҳалок ва бедаракшавии онҳо сабаб шудааст.

Дар ибтидои солҳои духазорум ҷавонони синни то 19-сола дар шаҳри Тошканд 34 фоизи сокинонро ташкил намуд.

Таркиби миллии аҳолӣ бошад, вобаста ба ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар давраҳои гуногуни тараққиёти ҷамъият ба амал омаданд, дигаргунӣ касб намуд.

Баъди ӯзбекон дар пойтахт русҳо аз ҷиҳати миқдор ҷои дувумро ташкил менамоянд. Афзоиши аз ҳама баланди аҳолии русзабон дар солҳои 1959-1970 ба мушоҳида расидааст. Дар ин давра суръати афзоиш 3,5 фоизро ташкил намуд. Ба зиёдшавии русзабонҳо тавре дар боло ишора рафт, зилзилаи сахти соли 1966 дар Тошканд, сохтмонҳои нав ва барқарорсозии оқибатҳои офати табиӣ бо кумаки халқҳое, ки аз қисми аврупоии Иттиҳод сафарбар шудаанд, сабаб гардидааст.

Дар ибтидои садаи бистуякум асосан ҷавонони аврупоинажод аз Тошканд кӯч бастанд, яъне камшавии славянҳо аз ҳисоби миграцияи аҳолӣ ба вуқуъ пайваст, қисми зиёди пиронсолон дар пойтахт монданд. Соли 2005 таваллуди русзабонҳо 3256, фавт 6372-торо ташкил намуд. Аз украинҳо 195 нафар ба дунё омада ва 518 нафар аз олам чашм пӯшиданд.

Нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ гуногунии таркиби миллии аҳолӣ дар Тошканд бештар ба мушоҳида мерасад, ки ин ҳолати табиист. Агар дар қаламрави мамлакат ӯзбекон 80 фоизи таркиби умумии аҳолиро ташкил намоянд, ин нишондиҳанда дар пойтахт ба 61,1 фоиз баробар мебошад.

То 1 октябри соли равон аҳолии умумии пойтахт ба 2 миллиону 934 ҳазору 600 нафар расид (мардҳо – 1438500, занҳо – 1495600).

Дар давоми нӯҳ моҳ 77 ҳазору 700 нафар кӯчида омаданд, 16 ҳазору 400 нафар кӯчида рафтанд. Дар ин байн таваллуд 54,8 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Сераҳолитарин ноҳияҳо дар пойтахт Олмазор ва Юнусобод буда, дар атрофи 400 ҳазор нафар дар онҳо буду бош доранд. Ноҳияҳои аз ҳама камаҳолӣ Бектемир ва Яккасарой мебошанд.

Тошканди азим чи бо миқдори аҳолӣ ва чи зебоиву ҳашамат, вусъат ва хуррамӣ аз қатори шаҳрҳои машҳури дунё ҷой гирифтааст.

**М. ШОДИЕВ.**

# САНГИСТОН

*(Афсона)*

Яке будас яке набудас Сангистон ном кишваре будас. Дар ин Сангистон ҳама ҷо сангҳои калону теппаҳои баланд будас. Дар он ҷо одам-подам набудасу танҳо мурғобиҳо дар як кӯл зиндагӣ мекарден. Аз ахлот пур шудас ин кӯл, бӯйи бад мебуровардас оби ифлосаш. Ин мурғобиҳо парвоз чист намедонистаанд. Ба ин сабаб намедонистаанд, ки паси теппаҳои баланд кӯҳҳои осмонбӯс ҳастанду кӯлҳои мусаффои калон ва он ҷо низ диёри онҳост.

Барои парвозро ёд гирифтан рӯйи як тахтасанги калон қоидаи он ҳаккокӣ шуда будас. Ба хати морсӣ будас ин қоида.

Аммо мурғобиҳо сад сол пеш хаташонро дигар карда будаанд ва хати морсиро хонда наметавонистанд.

Аз ҳамон кӯҳҳои баланду кӯлҳои обашон шаффоф ба ин тараф калхотҳо парида меомадаанд. Онҳо чӯҷабарак буданд, бачаҳои мурғобиҳоро чанг зада гирифта мебурданд, мурғобиҳо гиря мекарданд ва чунин фикр мекарданд, ки чӯҷаҳояшон дар кучое зиндаанд ва мардикорӣ карда гаштаанд.

Аммо рӯзе аз ҳамон баландиҳо як тӯтӣ парида омад. Тӯтӣ, ки ширинзабон буду забони мурғони дигарро медонист, ба мурғобичӯҷае гуфт: «Мурред аз ҳамин рӯзатон! То кай дар ин ҷо ғут-ғут карда мешинед. Дар паси кӯҳ кӯлҳои калон ҳаст, парвозро омӯзеду ватанро соҳибӣ кунед. Агар хоҳед ман худам ба шумо хати забони морсиро ёд метиям».

Мурғобиҳои калонсол ҳушдор медоданд: «Ба гапи паррандаҳои кишварҳои дигар гӯш накунед, онҳо ҷосусанд, тӯтиёни Ҳиндустонанд, чизе, ки дигарон ёд медиҳанд, ҳамонро мегӯянд».

Аммо як мурғобичӯҷае бовар кард: «То кай дар ин тангиҳо зиндагӣ мекунем? Кӯлҳои калони обашон соф, дарёҳои хурӯшон дар кишварамон будас! Биёед, забони аҷдодӣ – морсиро биомӯзем ва парвозро ёд гирем!»

Калонҳо ба сари он бечора он қадар нӯл заданд, ки бо сари хуншор ҷувонмарг шуд.

Дигар мурғобие аз ин боб сухан накард. Ҳамин тавр то имрӯз дар он кӯл, ки модар-ватан меҳисобанд зиндагӣ доранд, шумо низ зиндаю саломат бошед.

**Адаш ИСТАД.**

# ШАБИ ЯЛДО ШАБИ ҶАҲОНӢ ШУД

*Бо зулфи ту қиссаест моро мушкил,*
*Ҳамчун шаби ялдо ба дарозӣ машҳур.*
**(Убайди ЗОКОНӢ).**

Дарозтарин шаби сол – 22 декабр, ки ба шаби 30-юми озармоҳи тақвими қадимии эронӣ мутобиқ аст, аз қадимтарин ҷашнҳои ориёиён ба шумор меравад, ки тибқи маълумотҳо он бинобар зодрӯзи Меҳр (Митра) қайд карда мешавад.

Аз хусусиятҳояш маълум мегардад, ки он бо рӯшноӣ ва Офтоб вобастагии қавӣ дорад. Дар ин шаб доир намудани маҳфилҳои фарҳангиву адабӣ, нақли ривояту ҳикоёт, баҳрабардорӣ аз мусиқиву тарона ва албатта армуғону ҳадя маъмул аст.

Шаби Ялдо чун ҷашни милливу фарҳангӣ ба рӯйихати эътиборноки ЮНЕСКО дар ҷамъомади ҳабдаҳуми он ба қарибӣ дар Марокаш дохил карда шуд. Он панҷ сол пеш аз ҷониби Эрон пешниҳод гардида буд, ки акнун тасдиқ гардид ва минбаъд мисли ҷашни Наврӯзи Аҷам чун мероси ҷудонопазири аҳли башарият шумурда мешавад ва ин мусоидат менамояд, ки чун мероси ғайримоддии маданӣ дар ҷаҳон хубтар шинохта шавад ва ЮНЕСКО низ дар ин росто барои ҳимоя ва пеш бурдани арзишҳои вобаста ба он иқдом хоҳад кард ва бо лоиҳаҳои техникӣ ва моддии худ аз он пуштибонӣ мекунад.

Дар урфияти мардумамон чунин маросимҳо вуҷуд доранд ва онҳо маъмулан дар чунин шабҳои дароз ва «беохир» барои кӯтоҳ кардан ва шодону хуррам ба рӯз расондани он доир карда мешаванд.

Дар маълумотномаи ЮНЕСКО омадааст, ки «Шаби Ялдо дар охирин шаби тирамоҳ ҷашн гардида, дар он шаб хонавода дар атрофи дасторхони солхурдагон ҷамъ мешаванд. Ин хона бо ашёву таомҳои рамзӣ, аз он ҷумла чароғ, ки нишона аз рӯшноӣ аст, об – рамзи покӣ, меваи сурх мисли анор, тарбуз, шалғам, ҷуворимакка ва ангур, ки рамзест аз гармӣ». Ҷиҳати рамзии Шаби Ялдо ҳам вуҷуд дорад, ки он аз интиҳои шабдарозӣ ва афзудани рӯшноӣ, дар таносуби шабонарӯзӣ ба зиёд гардидани вақти рӯз дар муқобили шаб иборат аст. Шояд ин байти Адиб Собири Тирмизӣ дар чунин шаби доҷ гуфта шуда бошад, ки ифодагари моҳият ва фалсафаи Шаби Ялдо мебошад:

*Дар ин барфу сармо ду чиз аст лоиқ,*
*Шароби мураввақ, рафиқи мувофиқ.*



**Т. ХОВАРӢ.**

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

***Эй Ҳофизи Шерозӣ,***
***Ту кошифи ҳар розӣ.***



Агар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Хилватиёни малакут» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

## ХИЛВАТИЁНИ МАЛАКУТ

*Дилу динам шуду дилбар ба маломат бархост,*
*Гуфт: – Бо мо манишин, к-аз ту саломат бархост.*

*Кӣ шунидӣ, ки дар ин базм даме хуш бинишаст,*
*Ки на дар охири суҳбат ба надомат бархост?*

*Шамъ агар з-он рухи хандон ба забон лофе зад,*
*Пеши ушшоқи ту шабҳо ба ғаромат бархост.*

*Дар чаман боди баҳорӣ зи канори гулу сарв,*
*Ба ҳаводории он оразу қомат бархост.*

*Маст бигзаштию аз хилватиёни малакут,*
*Ба тамошои ту ошӯби қиёмат бархост.*

*Ҳофиз, ин хирқа бияндоз, магар ҷон бибарӣ,*
*К-оташ аз хирмани солусу каромат бархост.*

*Касе дар ҷаҳон комёб шавад, ки масирро аз солик бисупарад, вале роҳнамо қадам дар роҳ нагузорад. Аз номулоимот ҳаросӣ ба дил роҳ мадеҳ ва барои пирӯзӣ бар мушкилот аз ёрони кордон ва дӯстони оқил кӯмак биҷӯй. Дар талаби ганҷ бояд ранҷҳоро бо ҷон харид.*

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

*Андешаҳо*

# ПЕШ ВА ҲОЗИР

Пештар падару модари мо нагӯянд ё маҷбур насозанд ҳам худамон ба корҳои хонаву саҳро кӯмак расонда ва аз он мамнун будем, ки фоидаамон мерасад. Устухонамон дар меҳнати фоиданок шах мешуд. Ҳозир ин “меҳнати маҷбурӣ” будааст...

***

Пештар дар кӯчаву гузар муаллимонро дучор оем, худро канор мегирифтем, ҳозир муаллимон аз хонандагон меҳаросанд.

***

Пештар барои хондан баҳо мегирифтем, ҳоло барои баҳо мехонем.

***

Пештар роҳҳои ноҳамвор мумфарш карда мешуданд, ҳоло роҳҳои мумфарш ҳамвор карда мешаванд.

***

Пештар одамон баоқибат буданд, ҳоло оқибат одамонро кофта гаштааст.

***

Пештар ба болои боми хонае, ки падар нишастааст, намебаромаданд. Ҳозирҳо намехоҳанд аз мошини падар поин фуроянд.

***

Пештар занон роҳи мардонро бурида намегузаштанд, ҳоло ба буридани забони онҳо тайёранд.

***

Пештар барои шунидани “раҳмат”, “баракат ёб” ба одамони бегона ёрӣ мерасонданд, акнун ба пули одам, ба мансаби одам нигариста салому алейк мекунанд.

***

Пештар як мавизро чиҳил кас баҳам медид, ҳоло чиҳил кило мавизро як одам мехӯрад.

***

Ҳоло ҳама чиз дигаргун шудааст. Вале ҳамин аниқ аст, ки аз беоқибатӣ наҷот бахшидани дунё дар дасти худи мост.

**М.ҶОНИХОНОВ.**

# Ё ЗОТИ ПОК

*Барои ҳар сония нафаси озод кашидан, миллионҳо бор шукр.*
*Барои ҳар сония зиндаву саломат буданам, миллионҳо бор шукр.*
*Барои имони додаат, миллионҳо бор шукр.*
*Барои ҳамаи бемориву шифоҳои атокардаат, миллионҳо бор шукр.*
*Барои азизони додаат, миллионҳо бор шукр.*
*Барои ҳамаи неъматҳоят, шукри беҳадду канор.*

**У. РАҲИМЗОДА.**

# ШОИРИ ТОҶИК – “ШОИРИ ҶАҲОНИИ 2022”

Ибодуллоҳи Солеҳ аз ҷониби Иттифоқи нависандагони ҷаҳон ҳамчун “Шоири ҷаҳонӣ – 2022” эътироф шуд. Дар ин бора хабарнигори радиои «Овози тоҷик» дар такя ба як сипосномаи шоир дар саҳифаи иҷтимоӣ ба масъулини озмуни мазкур иттилоъ дод. Ёдрас мешавем, ки осори Ибодуллоҳи Солеҳ бо забонҳои гуногуни дунё тарҷумаву нашр шудаанд, аз ҷумла бо забонҳои португалӣ, арабӣ, русӣ ва ғайра. Ҳамзамон, то ин дам шеърҳои шоир дар маҷаллаҳои бонуфузи Бангладеш, Португалия ва Бразилия нашр шуда, тариқи радиоҳои “Садои афғон”, “Океан-плюс” садо додаанд.

Ибодуллоҳи Солеҳ 5-уми январи соли 1962 дар деҳаи Лоҳутии ноҳияи Ховалинг дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонии ҳамин деҳа солҳои 1969-1979 таҳсил намуда, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистонро пас аз хидмати ҳарбӣ хатм кардааст. Айни замон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад. Ба эҷоди шеър шавқи беандоза дошта, бо тахаллуси «Ҳоҷӣ» ва «Солеҳ» шеър мегӯяд. Ибодуллоҳ дилбастаи шеъру адабиёт буда, дар баробари мавзӯъҳои меҳанпарастонаю хештаншиносона ишқу зиндагиро ба риштаи назм кашидааст. Шоир таносуби суханро дар шеърҳояш моҳирона истифода намуда, дар офаридаҳояш шебу фарозҳои зиндагиро бо ишқу муҳаббати беандоза баён намудааст.

**Фарзона СОБИРӢ.**

*Нимтабассум*

## МАҶЛИС

Роҳбар ба шоир Иқбол Мирзо гуфт: «Шуморо ин вақтҳо дар корхона хеле кам мебинем».

Шоир гуфт, коре карда «зиёд набинед»...

## ШОГИРДИ ШОИР – ДАР БОЛОИ САР

Нафаре дар бораи яке аз шогирдонаш ба Иқбол Мирзо гуфт:

– Ҳамин шогирди шумо як инсони аҷиб-да. Ин кас шогирди Иқболака гуфта болои сар мебардорем.

Шоир табассумомез даҳон кушод:

– Ӯро гуфта, ман сар набардошта мондам.

**Ш. ОТАБЕК.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1225. Адади нашр 4703 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.30



Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru



Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.